**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2019. – 223 с.)

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Тоҷикистони пасошӯравӣ яке аз кишварҳое мебошад, ки назария ва принсипи таҷзияи ҳокимиятро заминаи давлатсозии навини худ қарор дода, кушиш бар он дорад, ки талаботи ин назарияро пай дар пай воқеъан дар амал ҷорӣ намояд. Аз ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва махсусан соли 2016 аён мегардад, ки мақсади сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва таҷзияи воқеии шохаҳои ҳокимият тадриҷан сурат гирифта, ҷомеа мунтазам дар пайи такмилу таҳкими дастовардҳои демократия дар давлатдорӣ мебошад. Татбиқи воқеии падидаҳои демократӣ, пеш аз ҳама, ба механизмҳои судии ҳимоя ва ҳифзи онҳо такя намуда, масоили дигари халталаб, аз қабили ташаккул ва мустаҳкам намудани қонуният, ташаккули сохтори судӣ, заминаҳои устувори техникию молиявӣ ва ташкилии мақомоти судиро талаб мекунад. Яке аз муҳимтарин сохтор дар ин ҷараён Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки кулли ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, аз ҷумла сохти ташкилии низоми судӣ, тарбия ва бозомӯзии кадрҳои судиро ба зимма дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масоили ташаккул ва рушди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрами илмӣ буда, пеш аз ҳама, омӯзиши роҳҳалҳои мавҷуда, сабақгирӣ аз таҷрибаи мақомот, шинохти норасоиву камбудиҳо дар таърихи сохтор ва барои ташаккулу рушд додани фаъолият, сохтор ва низоми судҳо аҳамияти бузургро дорост. Аз ҷониби дигар, Суди Олӣ чун мақомоти олии Ҳокимияти судӣ то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик мавзӯи кам таҳлилшуда мебошад. Оид ба масоили ҳуқуқии вобаста ба Суди Олӣ аз нуктаи назари соҳавӣ ду рисолаи номзади илм дар хориҷи кишвар ҳимоя гардидааст. Вале рисолаи мазкур аз нуктаи назари муқоисаи ҳуқуқӣ аҳамияти хоса

дорад. Албатта, унвонҷу Абдуллозода Ф.Н. ҷанбаҳои дигари мубрамияти мавзӯъро пешниҳод ва асоснок кардааст, ки дар амал муҳимияти мавзӯъро исбот менамоянд.

Дар боби аввали рисола, ки аз се зербоб иборат аст, масоили вобаста аз сарчашмаҳои умумии ташаккул ва хусусиятҳои рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми рисола дар се зербоби он таҳлили муқоисавии заминаҳои ҳуқуқии амалкунандаи ташкил ва фаъолияти судҳои Олии Тоҷикистон ва Россия таҳлил шудаанд. Дар боби сеюми рисола иборат аз се зербоб сохтор, тарикб ва ҷанбаҳои сиёсию ҳуқукии ташаккули судҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия таҳқикгардидааст.

**Дараҷаи навоварӣ ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 11 навгонии илмӣ таҳия гардидааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ пешниҳод шудаанд, аз ин сабаб лоиқи дастгирӣ мебошанд.

1. Навгонии якуми диссертатсия аҳамияти таҳқиқотро фаро гирифта, ба андешаи мо асосноккунӣ аст на навоварӣ.

2. Банди дуюми таҳқиқот тезисҳои зиёдеро дар бар гирифта, навгонӣ мушаххас нашуда аст. Ингуна ба таври муфассал пешниҳод намудани навгонӣ махсусан дар илми ҳуқуқшиносии муосир авҷ гирифтааст.

3. Банди сеюми навгониҳо қисман нав мебошад ва тезиси пешниҳодшуда бо далелҳои нав исбот шудааст.

4. Дар банди чоруми навгониҳо даврабандии умумӣ ба марҳилаи шӯравӣ ва пасошуравӣ, инчунин даврабандӣ вобаста ба марҳилаҳои рушди кишвар, қабули конститутсия ва ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва воқеаъҳои таърихӣ гузаронида шудааст.

5. Дар банди панҷуми навгониҳо муаллиф асосноккунии даврабандӣ ва аҳамияти онро дар тақсимбандӣ ва тавсифи асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бори дигар таъкид карда шудааст.

6. Навгонии шашуми диссертатсия пешниҳодҳои мушаххасро оид ба сохтори Судӣ олӣ дар бар мегирад. Инчунин гуруҳбандии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба таъинот, функсия ва фаъолияти ташкилии он гузаронида шудааст, ки лоиқи дастгирист ва саҳми Абдуллозода Фарҳод дар таҳқиқи масъала мебошад.

7-8. Навоварии ҳафтум ва ҳаштуми диссертатсия умумият ва тафовути Судҳои Олии Тоҷикистон ва Русия, инчунин ягонагӣ ва фарқиятро дар сохтори ин судҳо ошкор намудааст.

9. Навгонии нуҳуми диссертатсия масъалаи самаранокӣ ва натиҷабахшии фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар оянда ба он вобаста менамояд, ки мустақилияти суд ва тобеъ будани он танҳо ба қонун дар ҷомеаи мо то кадом андоза амалӣ мегардад. Ин андеша дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик дар сатҳи рисола аввалин маротиба пешниҳод шудааст ва лоиқи дастгирист.

10. Навгонии даҳум ва ёздаҳуми кор пешниҳод барои васеъ намудани салоҳияти Суди Олӣ дар баррасии баҳсҳо ҳамчун суди марҳилаи якум, тавсеъа додани фаъолияти онро пешниҳод менамояд. Инчунин, таъсиси коллегияи кассатсионӣ, оид ба парвандаҳои иқтисодӣ, оид ба парвандаҳои ноболиғон пешниҳод шудааст.

Пешниҳодҳо ба таври илмӣ ва ҳаматарафа асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, аксарияти навгониҳои диссертатсия навоварӣ ба илм буда, аз ин сабаб асоси кофӣ барои дастгирии муҳаққиқ барои дарёфти дараҷаи илмӣ мебошанд.

**Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ (зиёда аз 91 феҳристи санадҳои меърию ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои бойгонӣ, 111 асари илмӣ, китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ, 25 таҳқиқоти диссертатсионӣ, 29 мақолаи илмӣ, 10 манбаи интернетӣ) ба даст омадаанд. Инчунин, муаллиф хулосаю пешниҳодҳои худро дар 6 номгӯи мақолаҳои илмӣ ки аз соли 2014 то имрӯз дар маҷаллаҳои бонуфузи Тоҷикистон ва Россия, ки дар феҳристи Комиссияи аттестатсонии ин давлатҳо ҷойгир шудаанд, нашр намуда, мавриди баррасии муҳаққиқону мутахассисон қарор додааст.

Таҳлили рисола баёнгари он аст, ки муаллиф дар таҳияи рисолаи илмии худ ба таври васеъ методологияи муосири илмиро истифода бурда, ба усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хоси илми ҳуқуқ такя намудааст, ки ин равиш ба ӯ барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам оварданд. Махсусан, истифодаи усулҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ ва муқоисаи ҳуқуқӣ ба муаллиф

шароит фароҳам овардааст, ки як қатор хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии диссертасияи пешниҳодшуда пеш аз ҳама, дар шиносоӣ бо таърихи ташаккулу рушд ва муайян намудани ҷойгоҳи Суди Олӣ дар низоми Ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин, муаллиф кушиш намудааст, ки дар заминаи муқоисаи ҳуқуқӣ умумият ва тафовути мақоми олии судии ду кишвари бо ҳам дустро ошкор созад. Дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас барои беҳтар намудани сифати фаъолияти Суди Олӣ ироа гардидаанд, ки дар сурати амалӣ шунанашон аҳамияти баланди илмӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ доранд, чунки муносибатҳои бо суд алоқаманд, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои нсону шаҳрванд ҳамеша хароҷоти гарон, вақт ва нерӯи зиёдро талаб мекунад. Сарфаи вақт, нерӯ ва хароҷоти шаҳрвандони Тоҷикистон аз аҳамияти бузурги иқтисодии хулосаҳо бармеояд. Дар рисола муттаҳид намудани Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ки ғайр аз натиҷаҳои амалӣ аҳамияти иқтисодӣ низ дошта, пеш аз ҳама, сарфаи маблағ мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он низ ҳаст, ки холигиро дар ин самт пурра намуда, дар заминаи он таҳқиқотҳои илмӣ ба роҳ монда мешавад, инчунин дар амалия дар фаъолияти Суди Олӣ онҳоро истифода бурдан мумкин аст.

**Сохтори диссертатсия** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ диссертатсия мантиқан ба ҷузъҳо тақсим ва таҳия гардида, аз муқаддима, 3 боб ва 9 зербоб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодагардида иборат мебошад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Феҳристи маводи чопии аспирант баёнгари маҳсулнокии фаъолияти муаллиф буда, ӯ дастовардҳои илмии худро ба таври комил ва ба таври зарурӣ таҳия ва нашр намуда, мавриди омӯзиши муҳаққиқу мутахассисони соҳа гардонидааст.

Натоиҷи таҳқиқоти илмии муаллиф дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ва 1 мақолаи илмӣ дар дигар маҷаллаи илмӣ нашр шудаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти заруриро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимотҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои вобаста ба ташкилу фаъолият, таърихи ташаккулу рушди яке аз шохаҳои ҳокимиятро дар бар гирифта, метавонад бомуваффақият дар самти интихобнамудаи муаллиф ҳимоя гардад.

**Норасоию камбудиҳои диссертатсия.** Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад.

1. Баъзе навгониҳои диссертатсия ба таври муфассал андешаҳои дар диссертатсия овардашударо давом дода, аниқу мухтасар нестанд.

2. Навгониҳои дар банди чоруми рисола пешниҳодшуда ба андешаи мо, бо ҳамдигар мухолифат доранд. Дар саҳ. 11-12-уми диссертатсия сухан дар бораи давраи дуюми рушди мақомоти судӣ меравад, ки бо "ислоҳоти мақомоти судии Бухорои Шӯравӣ, аз 5 январи соли 1924 бо қабули "Муқаррарот дар бораи сохтори судии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро" оғоз мегардад. Дар мухолифат бо ин гуфта дар саҳ. 12-уми диссертатсия муаллиф қайд кардааст, ки "марҳилаи сеюми рушди ҳокимияти судии Тоҷикистон ва Россия бо таъсиси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ алоқаманд аст. Дар мувофиқа бо шартнома "Даф бораи таъсисёбии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ" ислоҳоти минбаъдаи судӣ амалӣ карда мешавад. (саҳ.12 дисс.). Пас, марҳилаи дуюму сеюм на пайи ҳам балки марҳилаи сеюм пештар аз марҳилаи дуюм оғоз мегардад, чунки ИҶШС аллакай моҳи декабри соли 1922 таъсис дода шуда буд. Мехостем, эзоҳи муфассали аспирантро дар масъалаи даврабандии дар диссертатсия пешниҳодкардааш шунавем.

3. Дар мавриди дигар, чунин андеша "Дар Тоҷикистон бошад низоми судии қабл аз инқилобӣ бениҳоят печида ва пароканда буда, ба худкомагӣ ва мустақилияти қозиҳо ва молумулкталабии онҳо асос ёфта буд" (саҳ.10.), хеле мухолиф ба таҳқиқотҳои илмии мавҷуда оид ба масъалаи мазкур ба назар мерасад, аз ин сабаб муҳаққиқ бояд онро муфассалан шарҳу эзоҳ диҳад.

4. Дар с.123 –уми диссертатсия чунин ҷумларо мехонем. "Тобеияти суди хусусиятҳои ҳуқуқи субъективии ҳуқуқи инсонро ба судяи "худ" ба худ касб намудааст, ки шарҳи бештареро талаб дорад.

5. Дигар, норасоии техникӣ ва истифодаи забони ғайриҳуқуқӣ дар рисола аст. Масалан, "Баҳсҳоро … дар танҳоӣ медиданд, аммо баҳсҳоро …. намедиданд." (С.10). Ба андешаи мо, баҳсҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд ё нисбат ба ҷавобгар адолати судиро амалӣ карда мешавад. Дар саҳифаи 14 диссертатсия қайд гардидааст, ки "Дар мувофиқа бо ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ҳокимияти судӣ аз низоми Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда ба мақомоти нави коллегиалӣ – Шӯрои адлия интиқол дода шуд." Чӣ тавре маълум аст, ҳокимияти судӣ танҳо дар ҷаласаи суд зоҳир мегардад. Аз ин сабаб, дар ҷумла бояд оид ба масъалаҳои ташкилӣ, тайёр ва интихобу ҷобаҷокунии кадрҳои мақомоти судӣ сухан бошад, на оид ба интиқоли ҳокимияти судӣ.

Тавсия ва мушкилоти баҳсталабе, ки баён гардид, қимати баланди илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд ва бо сабаби обйективӣ - аввалин рисолаҳои илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшаванда вобаста мебошад. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҳқиқоти илмии тахассусӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Он кори мустақил, баохиррасида ва комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи мубрами рӯз бахшида шуда, ба як қатор масъалаҳои баҳсталаби илмӣ равшанӣ андохта, роҳҳалҳои як қатор муаммоҳои ҳуқуқиро пешниҳод кардааст.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ дар ҷаҳони муосир буда, ба ошкор намудани қонуниятҳои ташаккул ва рушди мақоми Суди Олӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)" аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю

пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, барои такмили қонунгузорӣ оид ба мақомоти судӣ ва пешрафти таҷрибаи корӣ имконият фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 5050 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)"таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд, аз ин сабаб, муаллифи он – Абдуллозода Фарҳод Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Буризода Э.Б.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон, E-mail: buriev-68@mail.ru
Тел. корӣ: 221-65-85; Тел. моб.: 907-82-90-91

Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ мекунам

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ